Хулосаи

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Бибиҳафиза ба диссертатсияи Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Масъалаи муошират ва одоби муошират яке аз масъалаҳои баҳсноки фанҳои ҷомеашиносӣ буда, таҳлил, тадқиқ ва баррасии натиҷаи корҳои тадқиқотӣ дар ин ҷабҳа вобаста ба мақсаду вазифаҳои омӯзишии ҳар як соҳаи илм аст. Одоби муошират, тарбия ва ташаккулдиҳии он ҳамчун падидаи психологӣ – педагогӣ дар заминаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои синнусолии инкишофи шахс, такя намудан ба принсипҳои умумипедагогӣ ва истифодабарии роҳу усул, воситаҳои таъсиррасонӣ ба шуур, хиссиёт ва рафтори кӯдакон аз айёми томактабӣ оғоз мегардад.

Аз худ намудан ва риоя кардан ба қоида ва меъёри одоби муошират ифодагари маърифату фарҳанги инсон буда мавқеи ӯро дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ муайян менамоянд. Маҳз дар давраи томактабӣ, ки он ҳафт соли аввали ҳаёти шахсро дар бар мегирад. Тарбия намудани одоби муошират яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти томоктабӣ волидон мебошад.

Унвонҷӯ Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар давоми фаъолияти бисёрсолаи худ ба тарбия ва ташаккулдиҳии сифатҳои маънавии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда онро ҳамчун масъалаи кори илмӣ – тадқиқотии худ интиҳоб намуд. Дар давоми фаъолияти илмӣ – тадқиқотии худ (2014 – 2020) ба таҷрибаи амалии худ такя намуда масъалаи шаклгирии муоширатро дар зерхати "Шароитҳои психологӣ – педагогии тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ" мавриди тадқиқот баррасӣ қарор дод.

Мақсади асосии тадқиқот омӯхтани хусусиятҳои шаклгирии одоби муошират дар кӯдакон, муайянкунии роҳу воситаҳои тарбияи одоби муошират дар ҳамкори муассисаҳои томактабӣ бо оила ва коркарди технологияи тарбияи муошират дар кӯдакони синни калони томактабӣ буда Ҷалолова Г. С. кӯшиш намудааст ба иҷрои он муваффақ гардад.

Унвонҷӯ бо баробарӣ дар ҳайати гурӯҳи корӣ иштирок кардан дар таҳияи хуҷҷатҳои барномавӣ – методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ "Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 –

6) солагӣ", барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон", тадқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро роҷеъ ба шаклгирии одоби муоширатро аз нигоҳи психологӣ ва педагогӣ омӯхта кӯшиш намуд, тадқиқоти худро аз ҷиҳати илмӣ – методологӣ асоснок кард.

Ҳангоми иҷрои кори тадқиқотӣ муҳаққиқ кӯшиш намуд ба масъала ва мавзӯи тадқиқшаванда ҳамчун мутаҳассис муносибати комплексӣ намуда робитаи муассисаи таҳсилоти томактабиро бо оила дар пайвастагӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дод. Дар як вақт ӯ тавонист бо баробари кори илмӣ – тадқиқотӣ ба омӯхтан, ҷамъбаст намудан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ диққати махсус дода алоқаи илм ва амалияро таъмин намояд.

Ҷалолова Г. С. ҳамчун шахси масъулиятшинос, эҷодкор, дорои қобилияту маҳорати корҳои илмӣ – методӣ, илмӣ – тадқиқотӣ бо таҳия ва баррасии дастурҳои методию таълимӣ, мақолаҳои арзишманд масъалаи тарбияи одоби муоширатро бо кормандони соҳаи таҳсилоти томактабӣ муаррифӣ намуд. Инчунин бо маърӯзаю гузоришҳои илмӣ дар конфиренсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баромад кард.

Муҳимтарин консепсия дар кори тадқиқотии Ҷалолова Г. С. ҳамкории муассисаи томактабӣ бо оила дар тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакон дар заминаи баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии кӯдак аз тарафи мураббия ва волидон аст. Самти асосии шаклгирии одоби муошират дар кӯдакон дар зерхати баланд бардоштани дониш, маҳорату малакаи мураббияҳо ва фарҳанги тарбиятии волидон баррасӣ карда шуда аст, ки иҷрои ин амал яке аз роҳҳои амалӣ гардонидани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модардар таълиму тарбияи фарзанд" мебошад. Роҳу усулҳои самарабахши тарбияи одоби муошират, ки дар кори таҷрибавӣ – озмоишӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтанд ва натиҷагирӣ ва мавриди таҳлилу баррасӣ дар шакли расму ҷадвалҳо гардиданд. Дар қисмати замимаҳо ба матни диссертатсия намунаи маводҳо ҷой дода шудаанд, ки онҳоро муаллиф метавонад дар фаъолияти илмӣ – методии худ бо такмилу иловаҳо чун маводи ёрирасон ба кормандони муассисисаҳои томактабӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ММТУ дастрас намояд.

Хулосаи бобҳои аввалу дуввум, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои психологӣ – педагогии пешниҳод намудаи муҳаққиқ, инчунин матни автореферат ва мақолаҳои таҳия ва нашргардида (теъдоди иборат аз 21 номгӯй мақолаҳо)

мазмуну муҳтавои кори диссертатсионии мазкурро дар худ таҷассум менамоянд.

Диссертатсияи Ҷалолова Г. С. дар мавзӯи “Шароитҳои психологӣ – педагогӣ тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ” кори илмӣ – тадқиқотӣ ба анҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика (илмҳои педагогӣ) аст. Он ба талаботҳои муқаррарнамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 26.10.2016, № 505 тасдиқ шудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ мувофиқат менамояд.

Роҳбари илмӣ
доктори илми педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти
фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Маҷидова Б.

Имзои профессор Б. Маҷидоваро
тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Д. М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға барои робита
тел: 985-83-19-02;
93-850-88-77.
Email: Bibixafiza@mail.ru